Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№30

аз 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бармеоянд

Бо мақсади таъмини таҷрибаи якхелаи судӣ ва татбиқи дурусти қонунгузорӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бо дастрасии моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

қарор кард:

1. Мутобиқи муқаррароти моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Конститутсия) инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Тибқи моддаи 30 Конститутсия ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода шудааст.

Мувофиқи моддаи 14 Конститутсия маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Аз ҷумла, моддаи 237 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ) ба шахси воқеӣ амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодиашро мувофиқи иродаи худ бе ягон маҳдудият кафолат дода, дар баробари ин муқаррар намудааст, ки озодии шахси воқеӣ набояд ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро халалдор ва маҳдуд созад.

Вобаста ба ин суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳар як шахс ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва сирри он, ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва эътибори корӣ, ҳимояи иттилоот оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва ҳуқуқ ба рад намудани иттилооти беэътимодро бо

тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ дошта, ин ҳуқуқҳо набояд аз ҷониби дигар шахс ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, аз қабили озодии сухан, ақида, нашр, истифодаи ахбори омма ва амсоли он халалдор ва ё маҳдуд карда шаванд.

Аз ин рӯ, ҳангоми баррасӣ ва ҳалли чунин парвандаҳо бояд риоя гардидани мувозинати байни ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳимояи шаъну шараф ва эътибори корӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар ҳуқуқу озодиҳои бо Конститутсия кафолат додашудаи шахс баҳо дода шавад.

2. Ба таваҷҷуҳи суд, судяҳо расонида шавад, ки ҳангоми паҳн намудани иттилооти беэътимод дар бораи ҳаёти хусусии шахс ҷавобгар уҳдадор аст иттилооти мазкурро рад намуда, зарари маънавии дар натиҷаи ин амал расонидаашро дар асоси моддаҳои 231 ва 1225 КМ товон намояд.

Зимнан бояд дар назар дошт, ки шахси воқеӣ ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва дахлнопазирии он, аз ҷумла ҳуқуқ ба нигоҳ доштани сирри ҳолатҳои ҳаёти хусусиро дошта, ҳама гуна амале, ки ба бевосита ё бавосита фош намудани он равона шудаанд, манъ мебошад. Бе розигии шахси воқеӣ ифшо намудани сирри ҳаёти хусусии ӯ мумкин нест (моддаи 246 КМ).

Бинобар ин, ҳангоми баррасии баҳсҳо оид ба паҳн намудани иттилоот дар бораи ҳаёти хусусӣ ва сирри он бояд дар назар дошт, ки агар иттилооти ба ҳақиқат мувофиқбуда дар бораи ҳаёти шахсии даъвогар бе розигии ӯ паҳн карда шуда бошад, ҷавобгар уҳдадории товони зарари маънавии бо паҳнкунии чунин иттилоот расонидашударо ба зимма дорад.

3. Зери мафҳумҳои шаъну шараф ва эътибори корӣ баҳодиҳии ҷамъиятӣ ба шахс, ченаки сифатҳои маънавӣ ва иҷтимоии ӯ, худбаҳодиҳии ботинии шахс нисбат ба сифатҳо, қобилиятҳо, ҷаҳонбинӣ ва аҳамияти иҷтимоии худ, инчунин баҳодиҳии устувори мусбии ҷомеа ба сифатҳои касбӣ, истеҳсолӣ ва кории шахс фаҳмида мешавад.

Иттилоти пастзанандаи шаъну шараф ва эътибори кории шахс метавонад ба воситаи нашр, радио, телевизион, дигар воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои интернетӣ, хислатномаҳо, баромадҳои оммавӣ, муроҷиатҳои ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ё шахсони мансабдор пешниҳодшуда ва ё иттилооти дар дигар шакл, аз ҷумла тариқи шифоҳӣ баён намудан ба як ё якчанд шахс паҳн карда шавад. Баён намудани чунин маълумот танҳо ба шахсе, ки онҳо маҳз ба худи ӯ тааллуқ доранд, наметавонад ҳамчун паҳн намудан эътироф карда шавад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нисбат ба онҳо иттилооти манфии пастзанандаи шаъну шараф ва эътибори кориашон паҳн шуда, он ба ҳақиқат мувофиқат намекунад, инчунин намояндагони қонунии ноболиғон ё шахсони ғайри қобили амал, хешовандони шахси вафоткарда ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намоянд (моддаи 54 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КММ) ва моддаи 244 КМ).

Бояд дар назар дошт, ки судҳо ҳама гуна даъвоҳоро оид ба рад намудани иттилооти пастзанандаи шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва

ҳуқуқӣ, новобаста аз он ки дар кадом шакл ва бо кадом тарз паҳн гардидаанд, баррасӣ менамоянд.

4. Шахсе, ки дар бораи ӯ иттилооти беэътимод паҳн шудааст, дар баробари ҷавоб ва раддия метавонад ҷуброни зарарро, ки дар натиҷаи паҳн кардани ин иттилоот расонда шудааст, талаб намояд (қисми 9 моддаи 231 КМ).

Мувофиқи қисми 10 моддаи 231 КМ меъёрҳои моддаи мазкур дар мавриди ҳимояи шаъну шараф ва эътибори кории шахси воқеӣ, инчунин мутобиқан ҳангоми ҳимояи эътибори кории шахси ҳуқуқӣ дар қисми раддияи иттилооти беэътимод, ҷавоб, беэътимод эътироф намудани иттилоот ва ҷуброни зиён татбиқ мешаванд.

5. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки аз тарафи ҷавобгар паҳн кардани иттилооти беэътимод нисбат ба даъвогар ва ба ҳақиқат мувофиқ набудани он ба ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, ки бояд муайян карда шаванд, дохил мешаванд.

Зери мафҳуми иттилооти беэътимод ҳама гуна иттилооти манфии паҳнгашта дар бораи шахс фаҳмида мешавад, агар ҷавобгар боэътимод будани онро исбот карда натавонад. Чунончи иттилооте, ки дар он тасдиқи аз тарафи шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ вайрон кардани қонунгузорӣ, содир намудани кирдори ношоиста ва ё ғайриахлоқӣ дар ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ ё сиёсӣ, бевиҷдонӣ ҳангоми ба амалбарории фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва соҳибкорӣ, вайрон намудани меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ахлоқ, қоидаҳои одоби корӣ ва анъанаҳои муомилоти корӣ, ки шаъну шараф ва эътибори кории шахси воқеӣ ё ҳуқуқиро паст мезананд, ҷой дошта бошанд, иттилооти беэътимод ба ҳисоб меравад.

Иттилооти дар санадҳои судӣ, қарорҳои мақомоти тафтиши пешакӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ё расмӣ ҷойдошта, ки қонунгузорӣ барои он тартиби дигари пешниҳоди шикоятро пешбинӣ намудааст, иттилооти беэътимод ҳисобида намешавад (чунончи, ҳалномаи суд наметавонад бо тартиби моддаи 231 КМ мавриди баҳс қарор дода шавад).

6. Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахс суд, судяҳо бояд муайян намоянд, ки оё иттилооте, ки оид ба рад намудани он даъво пешниҳод шудааст, паҳн гардидааст ё не, оё ин иттилоот манфӣ мебошад ва он шаъну шараф ва эътибори кории даъвогарро паст мезанад ё не, инчунин оё иттилоот ба ҳақиқат мувофиқ аст ё не.

Дар мавриди муайян гардидани ба ҳақиқат номувофиқ будани иттилооте, ки шаъну шараф ва эътибори кории шахсро халалдор сохтааст, уҳдадории рад намудани чунин иттилооти беэътимод аз ҷониби ҷавобгар новобаста аз гуноҳи ӯ дар паҳншавии он сурат мегирад.

Агар шахси паҳнкунандаи иттилооти беэътимод номаълум бошад, шахси манфиатдор метавонад ба суд оид ба муқаррар кардани ҳолати беэътимод будани иттилоот ва рад намудани он муроҷиат намояд. Чунончи, дар мавриди ирсоли мактубҳои бе имзо ба суроғаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

ва ё паҳн кардани маълумот дар шабакаи Интернет аз тарафи шахсе, ки муайян намудани он ғайриимкон аст (моддаи 231 КМ).

Чунин ариза ба тартиби мурофиаи махсус оид ба муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад.

7. Шахсони воқеӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии худро аз ҳама гуна дахолати зиддиҳуқуқӣ бо тартиби судӣ ҳимоя карда метавонанд. Шахси ҳуқуқӣ бошад, барои ҳимояи эътибори корӣ ба раддияи иттилооти беэътимод, ҷавоб, беэътимод эътироф намудани иттилоот ва ҷуброни зиён ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дорад (моддаи 229, қисми 10 моддаи 231 КМ).

Қонунгузорӣ бо роҳи ғайрисудӣ ҳал намудани баҳсҳоро оид ба ҳифзи шаъну шараф ва ё эътибори корӣ муқаррар накардааст, аммо шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки воситаи ахбори омма дар хусуси ӯ маълумоти халалдоркунандаи ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаашро нашр намудааст, ҳуқуқ дорад дар ҳамон воситаи ахбори омма ҷавоби худро нашр кунад (моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», минбаъд - Қонун).

Дар баробари ин, шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки воситаи ахбори омма дар хусуси ӯ маълумоти бардурӯғ ва ё маълумоти пастзанандаи шаъну шараф ё эътибори кориашро паҳн намудааст, ҳуқуқ дорад аз редаксияи он нашри раддияро талаб намояд.

Дар сурати аз тарафи воситаи ахбори омма рад кардани нашри раддия ва ё риоя накардани мухлати барои нашри чунин мавод муқарраршуда, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд (моддаҳои 19 ва 21 Қонун).

8. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки тибқи талаботи қисми 1 моддаи 32 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳо дар хусуси ҳимояи шаъну шараф ва одоби касбӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасӣ карда мешаванд.

Агар баҳс оид ба ҳимояи шаъну шараф ва эътибори корӣ байни шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи дигаре, ки ба соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд нест, ба миён омада бошад, чунин парванда аз ҷониби судҳои умумӣ баррасӣ мегардад.

Тобеияти судии баҳсҳо оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахс дар асоси моддаҳои дахлдори боби 3 КММ муайян карда мешавад.

9. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки талаботи даъво дар бораи ҳифзи шаъну шараф ё эътибори кории шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва оид ба ҷуброни зарари бо иттилооти беэътимод расонидашуда мумкин аст якҷоя ба суд пешниҳод гарданд.

Зимнан боҷи давлатӣ вобаста ба ҳар як талаби даъво дар алоҳидагӣ мутобиқ ба андозаи пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" пардохт карда мешавад.

10. Ба судҳо тавзеҳ дода шавад, ки муаллифи иттилооти пастзанандаи шаъну шараф ё эътибори корӣ, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунад, инчунин шахсони паҳнкунандаи чунин иттилоот вобаста ба аризаҳои даъвогӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ ҷавобгари муносиб ба ҳисоб меравaнд.

Дар сурати тавассути воситаҳои ахбори омма паҳн намудани иттилооти беэътимод бошад, даъво нисбат ба муаллиф ва редаксияи воситаҳои дахлдори ахбори омма пешниҳод карда мешавад. Агар чунин иттилоот бо ишора ба шахсе, ки сарчашмаи он аст, нашр ва ё паҳн гардида бошад, ин шахс низ ҷавобгар ҳисобида мешавад.

Дар мавриде, ки редаксияи воситаҳои ахбори омма шахси ҳуқуқӣ набошад, барои иштирок дар парванда ба ҳайси ҷавобгар муассиси воситаи ахбори омма ҷалб карда мешавад.

Тавре аз мухтавои моддаи 1193 КМ бармеояд, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ зарареро, ки корманди он ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, мансаби)-и худ расондааст, аз ҷумла зарари ба шаъну шараф ва эътибори кории шахс расонидашударо ҷуброн менамояд. Чунончи, ҳангоми додани хислатнома, ки дар он иттилооти беэътимод нисбат ба корманд дарҷ гардидааст, даъво нисбат ба корфармо пешниҳод мегардад. Дар ин ҳолат корманд метавонад тибқи тартиби пешбининамудаи қонун дар парванда ба сифати шахси сеюме, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардааст, ба ҷонибдории ҷавобгар ҷалб карда шавад.

11. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки вобаста ба баҳсҳо дар бораи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ уҳдадории исботи дурустии иттилооти паҳнгашта ба зиммаи ҷавобгар вогузор карда шуда, даъвогар бояд ҳолати паҳн намудани иттилоотро аз ҷониби ҷавобгар ва хусусияти манфӣ доштани онро исбот намояд.

Шахсони мансабдор вобаста ба фаъолияти хизматии худ мумкин аст дар воситаҳои ахбори омма мавриди танқид қарор гиранд, зеро ин барои таъмини шаффофият дар фаъолият ва иҷрои бомасъулияти ваколатҳои онҳо зарур буда, мутобиқи Қонун сензура ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Агар шахси мансабдор чунин шуморад, ки фикру ақида ва мулоҳизаҳои дар воситаҳои ахбори омма паҳнгардида ҳуқуқу манфиатҳои ӯро халалдор мекунанд, метавонад мутобиқи қисми 6 моддаи 231 КМ ва моддаи 18 Қонун дар ҳамон воситаи ахбори омма паҳн намудани ҷавоб ва раддияро бо ҳамон тарзе, ки иттилоот паҳн шуда буд, талаб намояд.

Дар сурате, ки фикру ақидаи субъективӣ дар шакли таҳқиромез бо паст задани шаъну шараф ва эътибори кории шахс изҳор шуда бошад, ба зиммаи ҷавобгар мумкин аст уҳдадории товони зарари маънавӣ вогузор карда шавад.

12. Ба диққати суд, судяҳо расонида шавад, ки Конститутсия ба шаҳрванд ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти давлатиро кафолат додааст.

Бинобар ин, тасдиқ нагардидани иттилооти дар муроҷиати шахс ба мақомоти давлатӣ дарҷгардида бевосита асос барои ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс вобаста ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ шуда наметавонад, ба истисноӣ ҳолати муроҷиати беасос ба мақомоти давлатӣ бо роҳи суиистифода аз ҳуқуқ ва бо мақсади расонидани зарар ба шахси дигар.

13. Агар иттилооте, ки доир ба он баҳс ба вуҷуд омадааст, зимни баррасии парвандаи дигар аз тарафи шахсони иштирокчии парванда ва шоҳидон хабар дода шуда, ҳангоми қабули санади судӣ ҳамчун далел баҳо

дода шуда бошад, ин иттилоот наметавонад бо тартиби моддаи 229 КМ мавриди баҳс қарор дода шаванд, зеро меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ тартиби махсуси таҳқиқ ва баҳодиҳии далелҳоро муқаррар намудаанд.

Ҳамзамон, агар чунин иттилоот аз ҷониби шахсони болозикр нисбат ба онҳое, ки иштирокчии парванда намебошанд, паҳн гардида, ин шахсон маълумоти мазкурро беэътимод ва пастзанандаи шаъну эътибори худ ҳисобанд, метавонанд ҳуқуқҳояшонро дар асоси моддаи 229 КМ ҳимоя намоянд.

14. Диққати суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки номгӯи ҳолатҳои дар моддаи 34 Қонун пешбинишуда оид ба озод кардан аз ҷавобгарӣ барои дар воситаҳои ахбори омма паҳн кардани маълумоте, ки ба воқеият мувофиқат намекунад, мукаммал мебошад.

Аз ин рӯ суд, судяҳо наметавонанд зимни баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ дигар ҳолатҳоро ҳамчун асоси озод кардан аз ҷавобгарии маданӣ ба инобат гиранд.

15. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар паҳн кардани ҷавоб ё раддия дар ҳамон воситаи ахбори омма бинобар қатъ шудани фаъолияташ имконнопазир бошад, дар ин маврид ҷавоб ё раддия аз ҳисоби ҷавобгар бояд дар дигар воситаи ахбори омма бо ҳамон тарзе, ки иттилоот паҳн шуда буд, амалӣ карда шавад.

16. Таваҷҷуҳи суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки даъво оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ мансуб буда, тибқи сархати якуми моддаи 224 КМ нисбат ба онҳо муҳлати даъво татбиқ намегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Чунончи, мутобиқи моддаи 21 Қонун дар сурати аз тарафи воситаи ахбори омма рад кардани нашри раддия ва ё риоя накардани муҳлати барои нашри чунин мавод муқарраршуда, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад дар муддати то як соли баъди нашри мақола ба суд бо даъво оид ба беасос эътироф намудани рад кардани нашри раддия аз ҷониби редаксияи воситаи ахбори омма муроҷиат намояд.

Ҳамзамон шахсе, ки нисбаташ иттилооти беэътимод паҳн гардидааст, ҳуқуқ дорад ба суд нисбат ба редаксияи воситаи ахбори омма бо даъво дар бораи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ муроҷиат намояд, ки ба ин талабот муҳлати даъво татбиқ намегардад.

17. Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки зарари маънавӣ зимни баровардани ҳалнома дар шакли пулӣ товон карда мешавад (қисми 1 моддаи 1226 КМ).

Ҳангоми муайян кардани андозаи товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи паҳн кардани иттилооти беэътимод расонида шудааст, судҳо бояд ҳолатҳои дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 1226 КМ пешбинишуда, аз ҷумла хусусияти азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ, дараҷаи гуноҳи расонандаи зарарро дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси товон бошад, муайян намуда, талаботи оқилона ва одилонаро ба инобат гиранд. Хусусиятҳои азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ аз ҷониби

суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи он зарари маънавӣ расонда шудааст ва ҳолатҳои инфиродии ҷабрдида баҳо дода мешаванд.

Ҳангоми муайян кардани андозаи зарари маънавӣ бояд хусусият, мазмуни нашр, тартиби паҳн намудани иттилоот ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷуҳ ба назар гирифта шаванд. Чунончи, ба таври оммавӣ тариқи воситаҳои ахбори омма паҳн намудан ва ё танҳо ба як шахс баён намудани иттилооти беэътимод метавонад боиси оқибатҳои гуногун гардад.

Зимнан суд, судяҳо бояд таносуби байни андозаи товонро ба оқибатҳои вайрон кардани ҳуқуқҳо дар асоси принсипҳои оқилона ва одилона ба эътибор гиранд.

Мувофиқи талаботи оқилона зимни муайян намудани андозаи товони зарари маънавӣ бояд ҳамаи ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, аз ҷумла таносуби андозаи товон бо сатҳи ҳаёти маъмул ва сатҳи умумии даромади аҳолӣ ба инобат гирифта шаванд.

Талаботи одилона мутаносиб будани андозаи товонро ба оқибати амали зиддиҳуқуқӣ дар назар дорад, он бояд ранҷу азоби руҳии даъвогарро бартараф намояд ва ё шиддати онро кам намуда, барои пешгирии такроран содир намудани чунин амалҳо кифоя бошад.

Даъво оид ба товони зарари маънавӣ мумкин аст новобаста аз ихтиёран нашр кардани раддияи даъвогар аз ҷониби редаксияи воситаҳои ахбори омма пешниҳод карда шавад ва ин ҳолат аз ҷониби суд ҳангоми муайян кардани андозаи товони зарари маънавӣ ба инобат гирифта мешавад.

18. Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки зери мафҳуми раддия, эълони оммавии ба ҳақиқат мувофиқ набудани иттилооти паҳнгардидаи пастзанандаи шаъну шараф ва эътибори кории шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар назар дошта мешавад.

Тартиби амалӣ намудани раддияи иттилооти пастзанандаи шаъну шараф ва эътибори корӣ, ки дар воситаҳои ахбори омма ва ё бо тарзҳои дигар паҳн шудааст, дар асоси моддаи 231 КМ муайян карда мешавад.

Дар дигар ҳолатҳо тартиби амалӣ намудани раддия аз ҷониби суд муқаррар мегардад.

Аз ин рӯ, ҳангоми қонеъ гардонидани даъво суд уҳдадор аст дар қисми хулосавии ҳалнома нишон диҳад, ки маҳз кадом иттилооти пастзанандаи шаъну шараф ва эътибори корӣ беэътимод эътироф шудааст ва он бо кадом тарз бояд рад карда шавад.

Раддияи мутобиқи талаботи моддаи 231 КМ дар воситаи ахбори омма паҳншаванда мумкин аст дар шакли хабар оид ба қабули ҳалнома бо парвандаи мазкур, аз ҷумла тавассути чопи матни ҳалномаи суд нашр карда шавад.

19. Суд, судяҳо бояд ба эътибор гиранд, ки дар қонунгузории мадании узр пурсидан ҳамчун тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои мадании пешбинӣ нагардидааст. Аз ин рӯ, суд ҳуқуқ надорад дар ҳалнома ҷавобгарро барои узр пурсидан уҳдадор намояд.

Дар баробари ин, суд ҳуқуқ дорад созиши оштиро, ки тибқи он тарафҳо узр пурсидани ҷавобгарро бинобар паҳн кардани иттилооти беэътимод пешбинӣ намудаанд, бо риояи талаботи моддаи 177 КММ тасдиқ намояд, агар ин хилофи қонун набошад ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор насозад.

20. Ба судҳо зарур аст, ки агар ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин риоя нагардидани муқаррароти қонунгузорӣ муайян гардад, нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти хусусӣ қабул намоянд.

21. Судҳоро зарур аст таҷрибаи баррасии чунин парвандаҳоро мунтазам ҷамъбаст намуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ошкоргардида дар амалияи судӣ чораҳои бо қонун пешбинишударо андешанд.

22. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» таҳти №7 аз 23 декабри соли 2011 аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзозода Р.П.

Котиби Пленум,
судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холиқмуродзода Д.А.